**Хулосаи**

**комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6Д. КОА - 028 оид ба ҳимояи диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик, оид ба диссертатсияи:**

1. Сатторов Амирҳамза Баҳодурович - аспиранти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

2. Дараҷаи дарёфт - номзади илмҳои филологӣ.

3. Мавзӯъ: «Таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ».

4. Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

5. Роҳбари илмӣ - Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор.

Диссертатсияи Сатторов Амирҳамза Баҳодурович дар маҷмӯъ ба пажӯҳиши масъалаҳои таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ бахшида шуда, ҳамзамон нуктаҳои таъйини нақши оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ ва омилу сабабҳои густариши онҳо, нақши оятҳои қуръонӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ, мақоми тамҳидия дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ, талмеҳоти қуръонӣ дар ғазалиёти шоир, калимот ва таркиботи қуръонӣ дар ғазалиёти шоир, ҳунари шоир дар корбурди шахсиятҳои қуръонӣ, таъсирпазирии Хоҷу аз ҳадисҳои набавӣ, ҳунари шоир дар истифода аз мазмуни ҳадисҳои набавӣ, ҳунари шоир дар иқтибос, ишора ва талмеҳ аз ҳадисҳои набавӣ, хусусиятҳои бадеии ашъори Хоҷу дар корбурди оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ, аҳаммияти эстетикӣ ва тарбиявии ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ баррасӣ гардидаанд.

Аҳаммияти мавзӯи диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки он ба масъалаҳои то ба ҳол омӯхтанашудаи эҷодиёти Хоҷуи Кирмонӣ, хусусан

таъсирпазирии ӯ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалҳояш бахшида шудааст. Таҳқиқи вежаи таъсирпазирии шоир дар ғазалҳояш аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ аз нигоҳи мазмуну муҳтаво, тасвирсозӣ ва истифодаи санъатҳои мухталифи маънавӣ ва лафзии бадеӣ аз моҳияти баланди илмӣ бархурдор аст.

Навгониҳои илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки он дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ таҳқиқоти монографии комил ва тоза буда, бори нахуст нақши оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, проблемаи корбурди истилоҳоти қуръонӣ, баҳрабардорӣ аз мазмунҳои Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ, тарзу услуби баёни шоир дар ин масъала ва хусусиятҳои бадеии ашъори шоир дар корбурди мазмунҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ муайян шудааст. Ҳунари шоир ва сабки сухани ӯ дар корбурди оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ ба таври мушаххас нишон дода шудааст. Инчунин, дараҷаи истифодаи истилоҳоти қуръонию ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти шоир ва тафовути тарзи нигориши ӯ нисбат ба дигар шоирони форсу тоҷик мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Усули таҳқиқ дар асоси маводи осори шоир, хусусан ғазалиёти ӯ ва хусусиятҳои мақсаду ҳадафҳои дар назди худ гузоштаи муҳаққиқ муайян гардидааст. Ҳангоми таҳқиқи мавзӯи диссертатсия аз усулҳо ва равишҳои таърихӣ – қиёсии маводи адабӣ, истифодаи поэтикаи суннатӣ, меъёрҳои матншиносӣ,  методи таҳлили системӣ ва равишҳои омориву татбиқӣ истифода карда шудааст. Ҳамзамон, дар рафти таълифи таҳқиқот аз усули илмии донишмандони тоҷикиву эрониву, аврупоӣ, ба мисли: К.Айнӣ, А.Афсаҳзод, Р.Ҳодизода, А.Сатторзода, Ш.Абдуллоев, А.Абдусатторов, Ш.Исрофилниё, Алиасғари Ҳалабӣ, Забеҳуллоҳи Сафо, Ҳусайн Муҳйиддин Илоҳии Қумшаӣ, Саййид Қонеӣ, Саййидмуҳаммади Ростгӯ, Алӣ ибни Султонмуҳаммад, Е.Э.Бертелс ва дигарон истифода шудааст.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, ки дар диссертатсия гузошта шудаанд, дар се боб ва ҳашт зербоб гурӯҳбандӣ шудаанд, ки дар онҳо масоили гуногуни

таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ ба таҳқиқи ҷиддии илмӣ фаро гирифта шудаанд.

Арзиши назарӣ ва амалии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки маводи он барои таҳқиқи масоили гуногуни адабиёти классикӣ, хусусан омӯзиши масъалаҳои таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ аз чанд ҷиҳат судманд буда, арзиши назариявии онро таҳқиқи поэтикаи ғазали классикӣ, инчунин масъалаҳои марбут ба вежагиҳои жанрии ин навъи адабӣ собит месозад. Таҳқиқоти мазкур ҳангоми навиштани китобҳои дарсии таърихи адабиёти тоҷик, таълифи корҳои курсӣ, рисолаҳои дипломиву магистрӣ, таълими дарсҳои адабиёти классикӣ, таҳлили жанрҳои адабӣ, курсҳои махсус оид ба масъалаҳои умдаи назми классикии форсии тоҷикӣ барои донишҷӯён ва унвонҷӯёну магистрҳо метавонад истифода бурда шавад.

Диссертатсияи таҳқиқотии Сатторов Амирҳамза Баҳодурович аз рӯи мундариҷа ва масъалагузорӣ ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пурра мувофиқат дорад. Автореферат ва ҳафт мақолаи нашрнамудаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Сатторов Амирҳамза Баҳодурович «Таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ» - ро, ки кори илмии таҳқиқотии анҷомёфта буда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст, барои ҳимоя кардан дар Шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА – 028 оид ба ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, ки дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ташкил шудааст, метавон ба ҳимоя иҷозат дод.

Комиссияи экспертӣ тавсия менамояд, ки ба сифати муқарризони расмӣ оид ба диссертатсияи Сатторов Амирҳамза Баҳодурович доктори илмҳои филологӣ Низомӣ Муҳриддин Зайниддин ва номзади илмҳои филологӣ Одинаев Нурмаҳмад Сафарович таъйин карда шаванд.

Ба сифати муассисаи пешбар Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии АМИ Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия карда мешавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ: д.и.ф., профессор Элбоев В.**

**Аъзо:**

**д.и.ф., профессор Рустамова Г.**

**д.и.ф., профессор Солеҳов Ш.**

**17. 10. 2020**